Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират

Қурбонов Ниёз Маҳадбоқиевич, сардори Раёсати бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ

# «Тоҷикистон дар Индекси глобалии рақобатпазирӣ»

Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар натиҷаи роҳандозӣ намудани сиёсати оқилонаи мақсадноки дохилию хориҷӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ мавқеи худро дар рейтингҳои гуногуни ҷаҳонӣ ба таври назаррас беҳтар намуд.

Аз ҷумла, мутобиқи ҳисоботи Форуми иқтисодии умумиҷаҳонӣ (ФИУ) нуфузи Тоҷикистон давоми солҳои 2010-2012 дар Индекси глобалии рақобатпазирӣ (ИГР) 16 зина боло рафт [1].

Агар Тоҷикистон соли 2010 дар байни 139 давлати ҷаҳон аз рӯи Индекси глобалии рақобатпазирӣ мавқеи 116-ро ишғол намуда бошад, пас дар соли 2011 дар байни 142 давлати ҷаҳон мавқеи Тоҷикистон то зинаи 105 боло рафт ва соли 2012 мавқеи 100-умро миёни 144 давлати ҷаҳон ишғол намуд.

Таҳлили мавқеи давлатҳои ИДМ аз рӯи Индекси глобалии рақобатпазирӣ дар соли 2012 нишон медиҳад, ки пешсаф дар ин рейтинг Озарбойҷон (мавқеи 46) буда, баъдан Қазоқистон (мавқеи 51), Россия (мавқеи 67), Украина (мавқеи 73), Гурҷистон (мавқеи 77), Арманистон (мавқеи 82), Молдавия (мавқеи 87), Тоҷикистон (мавқеи 100) ва Қирғизистон (мавқеи 127)- ро ишғол менамоянд.

Дар ҳисоботи Форуми иқтисодии умумиҷаҳонӣ барои соли 2012 маълумот оид ба мавқеи давлатҳои Беларусия, Туркманистон ва Узбакистон бо сабаби фаро гирифта нашудан дар таҳқиқот, дарҷ нашудааст.

Тавре аз маълумот дар давоми се соли охир (солҳои 2010-2012) бармеояд, новобаста аз хеле беҳтар шудани мавқеи Тоҷикистон дар рейтинг аз рӯи Индекси глобалии рақобатпазирӣ, алҳол Тоҷикистон аз дигар давлатҳои пасоншуравӣ, ғайр аз Қирғизистон хеле қафо боқӣ мемонад.

Бояд қайд намуд, ки Индекси глобалии рақобатпазирӣ аз рӯи 3 гурӯҳ ё омилҳо муайян карда мешавад, ки аз 12 зернишондиҳанда (субиндексҳо) иборат мебошанд.

Ба гурӯҳи якум **омилҳои заминавӣ** мансубанд, ки зернишондиҳандаҳои (субиндексҳои) «Институтҳо», «Инфрасохтор», «Муҳити макроиқтисодӣ» ва «Тандурустӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ»- ро дар бар мегиранд.

[1] The Global Competitiveness Report (2007-2013)

Гурӯҳи дуюм, **омилҳои самаранокӣ** аз зернишондиҳандаҳои (субиндексҳои) «Таҳсилоти олӣ ва тайёрии касбӣ», «Самаранокии бозори мол ва хизматрасонӣ», «Самаранокии бозори меҳнат», «Рушди бозори молиявӣ», «Сатҳи технологӣ» ва «Ҳаҷми бозори дохилӣ» иборат мебошанд.

Гурӯҳи сеюм, ин **омилҳои инноватсионӣ** мебошанд, ки аз зернишондиҳандаҳои (субиндексҳои) «Рақобатпазирии ширкатҳо» ва «Потенсиали инноватсионӣ» иборат мебошанд.

Дар диаграммаи 1 динамикаи мавқеъ ва холҳои Тоҷикистон дар Индекси глобалии рақобатпазирӣ барои солҳои 2007-2012 оварда шудааст.




**Диаграммаи 1. Динамикаи мавқеъ ва холҳои Тоҷикистон дар Индекси глобалии рақобатпазирӣ барои солҳои 2007-2012**

Дар миқёси омилҳо ва гурӯҳҳо дастовардҳои Тоҷикистон дар Индекси глобалии рақобатпазирӣ якхела набуда, дар ҳудуди васеи мавқеъ ва холҳо ҷойгир мебошад.

Масалан аз рӯи **омилҳои заминавӣ** давоми солҳои 2010-2012 Тоҷикистон мавқеи худро 7 зина беҳтар намуда, аз мавқеи 112 то мавқеи 105 пеш рафт.

Аз ҷумла, аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Институтҳо» дар ҳамин давра нуфузи Тоҷикистон 12 зина боло рафта, аз мавқеи 77 ба мавқеи 65 кӯчид.

Аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Инфрасохтор» бошад, дар давраи мадди назар нуфузи Тоҷикистон 2 зина коҳиш ёфта, аз мавқеи 116 то 118 поён рафт.

Нуфузи Тоҷикистон аз рӯи зернишондиҳандаҳои (субиндексҳои) «Муҳити макроиқтисодӣ» ва «Тандурустӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ»

мутаносибан 11 (аз мавқеи 131 то 120) ва 10 (аз мавқеи 97 то 87) зина боло рафт.

Тайи ин солҳо нуфузи Тоҷикистон аз рӯи **омилҳои самаранокӣ** дар маҷмӯъ 11 зина афзуд.

Дар ин радиф натиҷаи беҳтарин аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Самаранокии бозори меҳнат» ба даст омад, ки аз рӯи он нуфузи Тоҷикистон якбора 27 зина боло рафт ва аввалин маротиба Тоҷикистон ба ҳайати 50 давлати пешсаф дар Индекси глобалии рақобатпазирӣ дохил шуд. Аз рӯи ин зернишондиҳанда Тоҷикистон дар байни 144 давлати ҷаҳон мавқеи 46-умро ишғол намуд.

Дар миёни давлатҳои ИДМ аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Самаранокии бозори меҳнат» давлати Қазоқистон пешсаф буда, дар мавқеи 19-ум қарор дорад.

Озарбойҷон дар мавқеи 26, Арманистон 30, Гурҷистон 35, Тоҷикистон 46, Украина 62, Қирғизистон 72, Молдавия 81 ва Россия мавқеи 84-умро ишғол менамоянд.

Дар ҳамин давра нуфузи Тоҷикистон аз рӯи дигар зернишондиҳандаи **омилҳои самаранокӣ** низ боло рафт.

Ҳамин тавр, аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Таҳсилоти олӣ ва тайёрии касбӣ» Тоҷикистон дар мавқеи 90, аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Самаранокии бозори мол ва хизматрасонӣ» дар мавқеи 96, аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Рушди бозори молиявӣ» дар мавқеи 124, аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Сатҳи технологӣ» дар мавқеи 112 ва аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Ҳаҷми бозори дохилӣ» дар мавқеи 119 ҷойгир мебошад.

Дар диаграммаи 2 мавқеи Тоҷикистон аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Самаранокии бозори меҳнат» дар солҳои 2007-2012 оварда шудааст.



Дастоварди Тоҷикистон аз рӯи **омилҳои инноватсионӣ** низ хеле назаррас буда, тайи солҳои 2010-2012 нуфузи Тоҷикистон аз рӯи ин омилҳо 42 зина боло рафт ва феълан дар мавқеи 76-ум миёни 144 давлати ҷаҳон қарор дорад.

Аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Рақобатпазирии ширкатҳо» Тоҷикистон дар мавқеи 90 ва аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Потенсиали инноватсионӣ» дар мавқеи 66 ҷойгир мебошад.

Таҳлили мавқеи Тоҷикистон дар рейтинги Форуми иқтисодии умумиҷаҳонӣ дар миқёси омилҳо ва гурӯҳҳо нишон медиҳад, ки Тоҷикистон танҳо аз рӯи зернишондиҳандаи (субиндекси) «Самаранокии бозори меҳнат» ба ҳайати 50 давлати пешсаф дохил шуда, аз рӯи дигар зернишондиҳандаҳо (субиндексҳо) қафо мондааст.

Зимни таҳлил намудани ҳисоботи Форуми иқтисодии умумиҷаҳонӣ оид ба мавқеи давлатҳо дар Индекси глобалии рақобатпазирӣ беихтиёр саволе ба миён меояд: Таҳқиқоти Форуми иқтисодии умумиҷаҳонӣ барои давлатҳо чӣ медиҳад, аз ҷумла мавқеи давлатҳо дар Индекси глобалии рақобатпазирӣ?.

Дар ин ҳол ба маврид аст, ки аз асосгузори ин рейтинг, профессори донишгоҳи Колумбия Ксавье Салан-и Мартин иқтибос биёрем, ки мегӯяд: «Индекси глобалии рақобатпазирӣ ифодагари тамоюлҳои дарозмӯҳлатест, ки рақобатпазирии иқтисодиёти миллии ҳар давлатро ташаккул медиҳанд».

Бо ибораи дигар, дар шароити ҷаҳонишавии сиёсат ва иқтисодиёт таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ барои ҳар давлат масъалаи аввалиндараҷа мебошад.

Натиҷаҳои ҳисоботи Форуми иқтисодии умумиҷаҳониро аз рӯи Индекси глобалии рақобатпазирӣ таҳлил намуда, ҳар давлат имконият пайдо мекунад, ки фаъолияти сиёсӣ ва иқтисодии худро такмил диҳад ва ба ин васила рақобатпазирии онро дар шароити ҷаҳонишавӣ таъмин намояд.